# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.03.2025, № 93

Барои сазовор донистани Муродова Парвина Бобоҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 22/шд) 20-уми январи соли 2025, суратҷаласаи № 84 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Муродова Парвина Бобоҷоновна 16-уми июни соли 1991 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст.

Соли 2008 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 77-и шаҳри Душанбе ва соли 2013 Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси тарҷумони забони англисӣ хатм кардааст.

Аз соли 2014 то соли 2016 ҳамчун омӯзгори фанни забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и шаҳри Душанбе ва аз соли 2016 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Солҳои 2017-2021 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тӯраҳасанов Қодирқул Шодиқулович.**

**Муқарризони расмӣ**: **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Абдуллоева Заррина Фатуллоевна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент, Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, Муродзода Баҳриддин Раҳмон, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии донишгоҳи мазкур Давлатзода Файзиддин Ҷамил имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Муродова, П.Б. Фарқият ва монандии исмҳои ҷинс ва хос дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П.Б. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 1. – С. 76-80.

[2-М]. Муродова, П.Б. Исм дар забонҳои муқоисашаванда (дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / П.Б. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 2. – С. 97-101.

[3-М]. Муродова, П.Б. Некоторые лексические особенности интернациональных слов в таджикском и английском языках / П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 4 – С. 38-42.

[4-М]. Муродова, П.Б. Суффиксальный способ образования интернациональных слов в таджикском и английском языках / П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 37-40.

[5-М]. Муродова, П.Б. Способы аффиксального словообразования и калькирования в таджикском и английском языках / П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 85-88.

[6-М]. Асадова, М.Р., Муродова, П.Б. Вожаҳои байналмиллалӣ ҳамчун падидаи забонӣ / М.Р. Асадова, П.Б. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 128-133.

[7-М]. Муродова, П.Б. Усули аффиксии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П.Б. Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 80-87.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[8-М]. Муродова, П.Б. Хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи исм дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П.Б. Муродова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Масъалаҳои мубрами истилоҳотшиносӣ дар забонҳои гуногунсохтор”. – Душанбе, 2017. – С. 142-145.

[9-М]. Муродова, П.Б. Способы аффиксальных словообразований в таджикском и английском языках / П.Б. Муродова // Маводи илмии мизи гирди ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои актуалии забоншиносии муқоисавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”. – Душанбе, 2018. – С. 141-145.
[10-М]. Муродова, П.Б. Интернациональная лексика как лингвистическое явление / П.Б. Муродова // Сборник статей научно-теоретической конференции “Современные методы изучения русского языка и литературы в условиях многокультурья”. – Душанбе, 2021. – С. 80-85.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов **Шафоатов Азал Нусратович** мусбат буда, дар он қайд мешавад, ки:

1. Дар мавриди шарҳу тавзеҳи маънии калимаи «истилоҳ» ва «истилоҳшиносӣ» диссертант гоҳо ба такрори маънӣ роҳ додааст.

2. Дар бахши омӯзиши назарияи истилоҳ аз муҳаққиқони англис камтар ёдоварӣ шудааст.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат, аз ҷумла дар саҳифаҳои 6, 9, 14, 19 ғалатҳои имлоӣ роҳ ёфтаанд.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, **Мухторов Зайнидин Мухторович,** дар маҷмуъ мусбат буда, дар он эродҳои зерин зикр шудааст:

1. Мубрамияти таҳқиқро мебоист унвонҷӯй мушаххастар ва ба тартиби истидлолӣ баён менамуд, чун дар он бештар суханҳои умумӣ ироа шудаанд.

2. Таснифот ва тақсимбандии фаслҳо дар бобҳои ҷудогона дар шакли гуногун ва аз ҳам фарқкунанда оварда шудааст, ки яксон кардани ин тақсимбандӣ ва таснифот ва риояи он ба манфиати кор аст.

3. Мавридҳои таҳлили муқоисавӣ ва таҳлили ҷанбаҳои типологии истилоҳот дар забонҳои мавриди таҳқиқ камранг ба назар мерасад.

4. Дар боби якум баъзе масъалаҳои назарии истилоҳот ба таври фарох баён шудааст, ки ибрози баъзе нуктаҳо такрори андешаҳои баёншуда аст.

5. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (саҳ.: 5, 9, 13, 16, 18, 20) ва техникӣ (4, 7, 11, 14, 18,21) ба назар мерасанд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷӯраев Хайём Акрамович низ мусбат

буда, ҳамзамон бо зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар раванди ҷамъоварии истилоҳоти марбути ҳарбӣ диссертант аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст. Хуб мешуд, ки ҳар як истилоҳоти марбутаро муаллиф бо тафсироташ нишон медод.

2. Агар муаллиф дар заминаи таҳқиқоти забоншиносони хориҷӣ кори худро анҷом медод, хеле хуб мешуд.

3. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферати диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с.15, 18, 19 ).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навовариҳои онро таъкид намуда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– **асоснок гардидааст**, ки поя ва ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳанӯз дар замони марҳилаи рушду инкишофи забони форсии тоҷикии қадим гузошта шуда буд;
– **муайян карда шудааст**, ки нақши истилоҳоти иқтибосии забонҳои арабӣ, юнонӣ, лотинӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, итолиёӣ, ҳолландӣ, полякӣ дар ғановатмандсозии истилоҳоти миллии ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар даврони Истиқлол назаррас аст;
– **собит гардидааст**, ки бо пешванду пасвандҳо сохтани истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле маъмул буда, дар ҳар ду забон мутадовил мебошанд;
– **муайян карда шудааст,** ки дар дар байни ибора-истилоҳоти ҳарбии забонҳои тоҷикиву англисӣ ҷузъҳои мухталифи забонӣ иштирок мекунанд;
– **дақиқ шудааст**, ки шумораи истилоҳоти аслии забони тоҷикӣ ва англисӣ дар баробари забонҳои дигари байналмилалӣ ҷойгоҳи махсус дошта, қисми бештари истилоҳоти ҳарбии забони англисӣ аз калимаҳои иқтибосии лотиниву юнонӣ ва қисми зиёди истилоҳоти ҳарбии тоҷикӣ аз ҳисоби истилоҳоти иқтибосии арабӣ ташаккул ёфтаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** маводи диссертатсияро имкон дорад ҳамчун восита ва ё дастури таълимӣ мутахассисони соҳаи истилоҳот ва забоншиносони муқоисавӣ истифода намоянд. Ҳамчунин, ба луғату истилоҳоти ҷамъовардашуда дар бахши

назария ва амалияи тарҷумаи матнҳои тахассусӣ, ҳангоми таҳия намудани луғатномаҳои тафсирӣ ва соҳавӣ такя намудан мумкин аст.

Дар раванди пажуҳишу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии муҳаққиқону забоншиносони рус: В.В. Виноградов, В.С. Расторгуева, А.А. Реформатсқий, С.Д. Лотте, В.П. Даниленко, тоҷик: Д. Саймиддинов, С. Назарзода, С. Сулаймонов, П. Ҷамшедов, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, А. Мирзоев, Х. Шанбезода, А. Мамадназаров, М. Ҳ. Султон, А. Байзоев, Ҳ. Саидзода, С. Ҷоматов ва дигар муҳаққиқоне, ки ба масъалаҳои муқоисаи типологӣ ва омӯзиши ин забонҳо машғуланд, истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таснифоти сохторӣ-маъноӣ ва индуктивӣ-дедуктивӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии диссертатсияи мазкурро ҳангоми ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба дастури забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷума метавон истифода бурд. Ҳамчунин, натиҷаҳои он метавонад ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, фарҳангу луғатномаҳо дар доираи забонҳои мавриди таҳқиқ муфид бошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар заминаи фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, дар зимн шарҳу тавзеҳи этимологии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида шудаанд. Саҳми диссертант боз дар он аст, ки ба ҷамъоварии маводи илмӣ, таснифи мавод ва навиштани рисолаи илмӣ машғул шуда, дар робита ба ин масъала мақолаҳои илмӣ таълиф намуда, дар конфронсҳо бо маърузаҳои илмӣ баромад кардааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми

шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2025 дар бораи сазовор донистани Муродова Парвина Бобоҷоновна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 363/шд), аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.
27.03.2025.